ШАРТНОМА

ДАР БОРАИ ЧОПИ БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ №01/61 АЗ «10» СЕНТЯБРИ СОЛИ 2025

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд «Фармоишгар» номида мешавад, дар симои Раҳим Саидзода – вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар асоси Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, амал мекунад, аз як тараф ва аз тарафи дигар Корхонаи воҳиди давлатии «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе», ки минбаъд «Иҷрокунанда» номида мешавад, дар симои Раҷаби Мавлавӣ – директор, ки дар асоси Оиннома фаъолият менамояд, дар сурати якҷоя зикр намудан «Тарафҳо» номида шуда, дар асоси **протоколи №542920 аз 19 августи соли 2025** доир ба масъалаҳои зерин шартнома бастанд.

I. Мақсади шартнома

1.1. Мувофиқи ин шартнома Фармоишгар супориш медиҳад ва Иҷрокунанда уҳдадорӣ ба зимма мегирад, ки аз номи худ ва аз ҳисоби Фармоишгар чопи «Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ»-и дар замимаи 1 пешниҳодшударо дар чопхонаи Корхонаи воҳиди давлатии «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе» ба роҳ монад.

1.2. Фармоишгар уҳдадор мешавад, ки хизматҳои Иҷрокунандаро мутобиқи шартҳои ин шартнома қабул ва пардохт намояд.

1.3. Ҳаҷм ва муҳтавои хизматҳои (вазифаҳои) мушаххасе, ки дар доираи ин шартнома расонида мешаванд, муҳлати иҷро, нарх ва манбаи маблағгузорӣ дар замимаҳо ба шартномаи мазкур муайян карда мешаванд.

II. Ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайн

2.1. Фармоишгар уҳдадор мешавад:

2.1.1. Хусусияти техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои марбут ба чопи «Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ»-и мазкурро ба Иҷрокунанда диҳад.

2.1.2. Мутобиқи шартҳои ин шартнома ҳисоботи Иҷрокунанда, ҳамаи ҳуҷҷатҳои аз тарафи вай пешниҳодшуда ва ҳамаи корҳои аз ҷониби ӯ мувофиқи ин шартнома иҷрогардидаро қабул намояд ва бо Иҷрокунанда санади (акти) қабулу супоридани хизматҳои расонидашударо ба имзо расонад.

2.1.3. Бо дархости Иҷрокунанда вайро бо ҳаҷми зарурии иттилоот ва маводи барои иҷрои ин шартнома зарурӣ таъмин созад.

2.1.4. Ба Иҷрокунанда ҳангоми ҳамкорӣ бо воҳидҳои дастгоҳи иҷроияи Фармоишгар кӯмак расонад.

2.1.5. Мутобиқи шартҳои ин шартнома ба Иҷрокунанда подоши аз рӯйи шартномаи мазкур ба ӯ тааллуқдоштаро пардохт намояд.

2.2. Иҷрокунанда уҳдадор мешавад:

2.2.1. Чопи китобҳои дарсиро бо риояи талаботи тавсифномаи техникии замимагардида (зеҳгирӣ, дӯхт бо дока, истифодаи ширеши босифат, штриховка, андозаи китоб, ҳаҷм, муҳтаво ва рангу мавод) то муҳлати дар замимаи 2-и шартнома дарҷ гардида, пурра нашр намуда, ба анбори Вазорати маориф ва илм супорад.

2.2.2. Иҷрокунанда уҳдадор аст, ки «Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ»-и мазкур ва теъдоди нашри онро тибқи хусусиятҳои техникӣ барои гирифтани сертификати мутобиқат бо Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва назорати савдои назди Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда, нусхаи сертификати мутобиқатро ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намояд.

2.2.3. Ҳаққи қалами муаллиф ва ҳаққи хизмати Муассисаи нашриявии «Маориф»-ро аз рӯйи «Нархномаи ҳаққи қалам ва хизмати нашрӣ», ки бо қарори ҳайати мушоваравии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.10.2022, №15/16 тасдиқ шудааст, пардохт намояд.

2.2.4. Нусхаҳои ҳатмии муаллиф(он) (10 нусха) ва муассисаҳои гирандагони нусхаҳои ҳатмӣ (13 нусха) ду ҳафта қабл аз ба анбори Вазорати маориф ва илм супоридани китоб, дастрас намояд.

2.2.5. Дар ҳолати аз теъдоди дар шартномаи мазкур нишондодашуда зиёд чоп намудани китоби дарсӣ маблағи он пардохт карда намешавад.

2.2.6. Ҳамаи амалҳои дигареро, ки барои иҷрои супоришҳои Фармоишгар заруранд, анҷом диҳад.

2.3. Фармоишгар ҳуқуқ дорад:

2.3.1. Ба Иҷрокунанда доир ба чопи китобҳои дарси мазкур вобаста ба тағйир додан ё илова намудан ба матн, сохтор, ҳаҷм ва шартҳо пешниҳодҳо диҳад.

2.4. Иҷрокунанда ҳуқуқ дорад:

2.4.1. Ҷиҳати пешниҳоди маълумот ва маводе, ки барои расонидани хизматҳо заруранд, ба Фармоишгар мурочиат намояд. Шакли пешниҳод аз ҷониби тарафҳо ба тариқи корӣ муайян карда мешавад.

2.4.2. Иҷрокунанда ҳуқуқ надорад, ки бидуни мувофиқа бо Фармоишгар дар тавсифномаи техникӣ оид ба чопи «Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» мазкур тағйирот ворид созад в ё мазмуну муҳтавои онро тағйир диҳад.

III. Муҳлати шартнома

3.1. Ин шартнома аз лаҳзаи ба имзо расиданаш эътибор пайдо мекунад ва то аз ҷониби Тарафҳо иҷро намудани уҳдадориҳои худ, ки дар шартномаи мазкур ва замимаҳои он муайян шудаанд, амал менамояд.

3.2. Ин шартнома то аз ҷониби Тарафҳо иҷро намудани уҳдадориҳои худ танҳо бо роҳи тартиб додани созишнома дар бораи бекор кардани шартнома, ки дар он амалҳои аз ҷониби Тарафҳо вобаста ба лағви шартномаи иҷрошаванда ва масъулияти Тарафҳо дар назди якдигар ва шахсони сеюм барои оқибатҳои бекор кардани шартнома сабт мегарданд, амалӣ карда мешавад.

IV. Подоши Иҷрокунанда (арзиши хизматҳо) ва тартиби пардохт

4.1. Подоши Иҷрокунанда оид ба чопи «Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» мазкур **80250,00 (ҳаштод ҳазору ду саду панҷоҳ) сомониро** ташкил медиҳад.

4.2. Маблағи шартнома баъди аз ҷониби Иҷрокунанда ба анбори Вазорати маориф ва илм супоридани теъдоди пурраи барномаи мазкур, инчунин пешниҳоди шакли электронии китоб (PDF) дар асоси санади қабулу супоридан, вобаста ба ҷамъоварии маблағи он аз ҷониби Фармоишгар давра ба давра пардохт карда мешавад.

4.3. Пардохти ҳаққи хизмати Иҷрокунанда аз рӯи ин шартнома бо роҳи аз тарафи Фармоишгар интиқол додани маблағҳои пулӣ ба суратҳисоби Иҷрокунанда ё бо розигии Тарафҳо бо тарзи дигар амалӣ карда мешавад. Рӯзи пардохт - рӯзи аз суратҳисоби Фармоишгар хориҷ шудани маблағҳои пулӣ шуморида мешавад.

V. Тартиби қабулу супоридани хизматҳо

5.1. Баъди анҷоми чопи «Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» мазкур Иҷрокунанда онро то анбори

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 126 дастрас менамояд.

5.2. Дар ҳолати аз тарафи Фармоишгар ба таври асоснок рад гардидани қабули хизматҳо, аз ҷониби вай феҳристи такмилоти зарурӣ ва муҳлати иҷрои онҳо таҳия мегардад. Такмилот оид ба раддияи асоснок аз тарафи Иҷрокунанда аз ҳисоби худаш анҷом дода мешавад, ба шарте ки он аз ҳудуди тавсифномаи техникӣ оид ба чопи «Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» мазкур берун набошад.

5.3. Хизматҳо оид ба шартнома баъд аз тарафи Фармоишгар имзо гардидани борхат ё санади қабулу супоридани хизматҳо, расонидашуда ва қабулгардида шуморида мешаванд.

VI. Масъулияти тарафҳо

6.1. Барои иҷро накардан ё ба таври зарурӣ иҷро накардани уҳдадориҳо оид ба ин шартнома Тарафҳо мутобиқи қонунгузории амалкунанда масъулият бар дӯш доранд.

6.2. Тарафҳо барои пурра ё қисман иҷро накардани уҳдадориҳои худ масъулият ба зимма надоранд, агар он бар асари қувваи рафънопазир – обхезӣ, сӯхтор, заминҷунбӣ, амалиёти ҷангӣ ва ғайра ба амал омада бошад.

6.3. Тарафе, ки бар асари ҳолатҳои қувваи рафънопазир иҷрои уҳдадориҳо барои вай имконнопазир мегардад, вазифадор аст дар муҳлати на дертар аз 3 (се) рӯз аз рӯзи ба вуқуъ омадани чунин ҳолатҳо ба таври хаттӣ ба тарафи дигар хабар диҳад ва тасдиқи ба вуқуъ омадани онҳоро пешниҳод созад.

6.4. Агар Иҷрокунанда шартҳои шартномаро дар муҳлати нишондодашуда иҷро карда натавонад, ба Фармоишгар ба маблағи 0,01% аз маблағи умумии шартнома барои ҳар як рӯзи тақвимӣ барои таваққуфи анҷоми кор ҷарима месупорад.

VII. Тартиби ҳалли баҳсҳо

7.1. Ҳамаи баҳсҳо ва ихтилофоти назарро, ки аз шартномаи мазкур ба вуҷуд меоянд, Тарафҳо кӯшиш мекунанд бо роҳи гуфтушунид ҳал намоянд.

7.2. Дар сурати ба мувофиқа ноил нагаштани Тарафҳо баҳсҳо, ихтилофоти назар ва талаботе, ки аз ин шартнома ё вобаста ба он ба вуҷуд меоянд, дар Суди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегарданд.

VIII. Махфият

8.1. Тарафҳо оид ба риояи махфӣ нигоҳ доштани иттилоот ва ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми иҷрои шартҳои ин шартнома гирифта шудаанд, уҳдадории мутақобила ба зимма доранд.

8.2. Уҳдадориҳо оид ба риояи махфият ба иттилооти дастраси умум ва ҳамчунин ба иттилооте, ки на бо гуноҳи яке аз Тарафҳои ин шартнома маълум мегарданд, дахл надоранд.

IX. Муқаррароти дигар

9.1. Назорати риояи талаботи хусусиятҳои техникӣ, ҷавобгуй будани «Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» супоридашаванда ва дар муҳлати муқарраргардида супоридани он аз ҷониби Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илм анҷом дода шуда, дар сурати пурра ҷавобгуй будани китоб ба талаботҳои шартнома марказ ба вазорат борхати Иҷрокунандаро тасдиқ карда, онро барои таҳияи санади қабул пешниҳод менамояд.

9.2. Ҳамаи натиҷаҳои хизматрасонӣ, иттилоот, ҳисобот ва ҳуҷҷатҳои дигаре, ки Иҷрокунанда мутобиқи ин шартнома пешниҳод менамояд, моликияти Фармоишгар мегарданд ва боқӣ мемонанд.

9.3. Шартномаи мазкур мумкин аст бо тартиби якҷониба бо ташаббуси Фармоишгар бекор карда шавад, ба шарте ки бо Иҷрокунанда барои хизматҳои воқеан расонидашуда ҳисоббаробарӣ шуда бошад.

9.4. Ҳамаи замимаҳо ба шартнома қисми ҷудонашавандаи он мебошанд.

9.5. Ҳамаи тағйироту иловаҳо ба ин шартнома эътибор доранд, агар онҳо бо созишномаи хаттӣ ба расмият дароварда шаванд ва аз ҷониби намояндагони ваколатдори Тарафҳо имзо гарданд.

Дар ҳамаи ҳолатҳои дигаре, ки дар ин шартнома қайд нашудаанд, Тарафҳо аз рӯйи принсипҳои виҷдон ва хирад амал менамоянд.

9.5. Шартнома дар чор нусха – як нусхагӣ барои ҳар яке аз Тарафҳо бо забони тоҷикӣ таҳия шудааст, ки чор нусха эътибори ягонаи ҳуқуқӣ доранд.

X. Суроға ва мушаххасоти бонкии Тарафҳо

Фармоишгар:	**Иҷрокунанда:**
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад 13а	Корхонаи воҳиди давлатии «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе» кӯчаи Айнӣ 126
ИНН – 010008670	ИНН: 010000894
Суратҳисоб – 20204972712010100002	Банк: Департаменти хазинадории
Суратҳисоб – 20204972111010100001	БДА ҶТ «Амонатбонк»
БИК (МФО) – 350101800	С-ҳ: 20202972701552101000
Ҳ/б (Кор. Сч): – 22402972000002	БИК (МФО): 350101626
Департаменти хазинаи марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ҳ/б (Кор. Сч): 20402972316264

XI. Имзои Тарафҳо

Фармоишгар:	**Иҷрокунанда:**
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон	Корхонаи воҳиди давлатии «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе»
_____	_____
вазир Раҳим Саидзода	директор Раҷаби Мавлавӣ
ҶМ.	ҶМ.

Замимаи №1
ба шартномаи №01/61 оид ба чопи барнома
аз 10 сентябри соли 2025

Тавсифномаи техникии чопи китобҳои дарсӣ

№	Номгӯй	Теъдоди нашр	Ҷузъи чопӣ	Андозаи нашр	Миқдори рангҳо ҳангоми чоп	
					Блок	Муқова
1.	«Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ»	5 000	10,5 ҷузъи чопӣ (168 саҳифа)	60x84 1/16	1+1	1+0

Эзоҳ:

- Коғаз барои омода намудани блок: зичӣ 70 г/м^2, сафедӣ на кам аз 80 %.
- **Муқовабандӣ:** маҳин; коғази муқоваи (“обложечная”); зичӣ: 200-250 г/м^2 ; муқова бо плёнка рӯйпӯш (ламинатсия) карда шавад.
- **Дӯхт:** бо риштаи дӯхта, термоширеш карда шаванд.

Имзои Тарафҳо

Фармоишгар:
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

_____
вазир Раҳим Саидзода

Ҷ.М.

Иҷрокунанда:
Корхонаи воҳиди давлатии «Комбинати
полиграфии шаҳри Душанбе»

_____
директор Рачабӣ Мавлавӣ

Я.М.

Замимаи №2
ба шартномаи №01/61 оид ба чопи барнома
аз 10 сентябри соли 2025

Нақшаи тақвимӣ

Марҳилаҳои кор	Мундариҷаи марҳилаҳо	Муҳлати давомнокии марҳилаҳо
Марҳилаи 1.	Корҳои умумии таҳририю нашрӣ	То 3 ҳафта баъд аз бастани шартнома
Марҳилаи 2.	Корҳои тайёри ва нашр	То 3 ҳафта баъд аз анҷоми марҳилаи 1
Марҳилаи 3.	Корҳои муқовабандӣ ва бастабандӣ	То 5 ҳафта баъд аз аз иҷрои корҳои марҳилаи 2

Чопи «Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» зерин бояд ҳатман дар давоми на дертар то **10 ноябри соли 2025** ба анбори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шавад.

Нархнома

№	Номгӯй	Теъдоди нашр	Маблағи умумӣ (бо сомонӣ)
1.	«Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ»	5 000	80250,00
	Ҳамагӣ:	**5 000**	**80250,00**

Маблағи умумии шартнома барои чопи «Баномами таълимии фанни Адабиёти тоҷик барои синфҳои 5-11-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ» мазкур **80250,00 (ҳаштод ҳазору ду саду панҷоҳ) сомониро** ташкил медиҳад.

Имзои Тарафҳо

Фармоишгар:
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

вазир Раҳим Саидзода

Ҷ.М.

Иҷрокунанда:
Корхонаи воҳиди давлатии «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе»

директор Раҷаби Мавлавӣ

Ҷ.М.